Агар касеро дидӣ, ки думболи муташобеҳот аст, онҳо ҳамон касоне ҳастанд, ки Худо аз онҳо ном бурдааст, пас аз онон барҳазар бош

Аз Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ин оятро тиловат фармуданд: ([Эй паёмбар] Ӯст, ки китоб [-и Қуръон]-ро бар ту нозил кард. Бахше аз он оёти муҳкам [сареҳу равшан] аст, ки онҳо асоси китобанду [бахши] дигар муташобеҳот аст [ки таъвилпазиранд]; аммо касоне, ки дар дилҳояшон инҳироф аст, барои фитнаҷӯӣ [ва гумроҳ кардани мардум] ва ба хотири таъвили он [ба дилхоҳи худ], аз муташобеҳи он пайравӣ мекунанд; ҳол он ки таъвилашро [касе] ҷуз Аллоҳ таоло намедонад; ва росихони дар илм [уламои дин] мегӯянд: "Мо ба ҳамаи он [оёт, чи муҳкаму чи муташобеҳ] имон овардем; ҳама аз тарафи Парвардигори мост"; ва ҷуз хирадмандон касе панд намегирад. (Оли Имрон: 7). Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Агар касеро дидӣ, ки думболи муташобеҳот аст, онҳо ҳамон касоне ҳастанд, ки Худо аз онҳо ном бурдааст, пас аз онон барҳазар бош"

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Расули Аллоҳ (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ин оятро тиловат карданд: ([Эй паёмбар] Ӯст, ки китоб [-и Қуръон]-ро бар ту нозил кард. Бахше аз он оёти муҳкам [сареҳу равшан] аст, ки онҳо асоси китобанду [бахши] дигар муташобеҳот аст [ки таъвилпазиранд]; аммо касоне, ки дар дилҳояшон инҳироф аст, барои фитнаҷӯӣ [ва гумроҳ кардани мардум] ва ба хотири таъвили он [ба дилхоҳи худ], аз муташобеҳи он пайравӣ мекунанд; ҳол он ки таъвилашро [касе] ҷуз Аллоҳ таоло намедонад; ва росихони дар илм [уламои дин] мегӯянд: "Мо ба ҳамаи он [оёт, чи муҳкаму чи муташобеҳ] имон овардем; ҳама аз тарафи Парвардигори мост"; ва ҷуз хирадмандон касе панд намегирад. (Оли Имрон 7). Дар оёти мазкур Худованди Муттаъол хабар додааст, ки Ӯ Қуръонро бар паёмбараш фиристодааст, қисме аз он оятҳое ҳастанд, ки дорои маънои равшан ва ҳукми возеҳ аст ва чизе мубҳам дар он вуҷӯд надорад, ва ин аст асли Китоб ва сарчашмаи он, ва дар ҳоли вуҷӯди ихтилоф манбаъи бозгашт хоҳад буд. Қисми дигари он оятҳое ҳастанд, ки эҳтимоли чанд маъно дар онҳо вуҷӯд дорад ва маънои онҳо барои баъзе аз мардум номафҳум боқӣ мемонад, ё ба ин гумон, ки миёни ин оят ва оятҳои дигар таъоруз ва ихтилоф аст. Сипас Худованд шеваи бархурди мардумон бо ин оятҳоро ин гуна баён медорад, ки касоне дар дилҳояшон майли аз ҳақ баромадан аст оятҳои муҳкамро раҳо карда рӯй ба оятҳои муташобеҳ меоранд, ки маъонии эҳтимолӣ дар онҳо вуҷӯд дорад ва ҳадафашон аз он шубҳа андохтан миёни мардум ва гумроҳ кардани онҳо аст, мехоҳанд онҳоро мувофиқи майл ва ҳаваси худ таъвил ва тафсир кунанд. Аммо онон, ки дар илм устуворанд, оятҳои муташобеҳро медонанд ва маъонии онҳоро тибқи оятҳои муҳкам вомегузоранд ва ба

он имон доранд ва медонанд, ки аз сӯи Парвардигор ҳастанд ва имкони дорои мафҳуми дигар ва ё таъоруз бар дигар оёт дар онҳо вуҷӯд надорад. Аммо танҳо касоне пандпазир мешаванд, ки ақли солим доранд. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба модари муъминон Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод гуфт: агар касеро дидӣ, ки думболи муташобеҳот аст, бидон онон ҳамон касоне ҳастанд, ки Худованд онҳоро дар ин оят ном бурдааст, (аммо касоне ки дар дилҳояшон инҳироф ва гумроҳӣ аст) аз онҳо бипарҳезед ва ба суханонашон гӯш надиҳед.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65062